«Тасдиқ мекунам»
Ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, профессор
____________ Ибодуллозода А.И.
"03" _____12_____ соли 2022

**Хулосаи**

**Шурои олимони факултети педагогикаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ба диссертатсияи Раҳимов Ҷамшед Хуҷамуродович дар мавзуи "Ташаккули донишҳои одитарини физикии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар раванди таълими математика" барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D010200 - Педагогика ва методикаи таълими ибтидоӣ**

Диссертатсия дар мавзуи "Ташаккули донишҳои одитарини физикии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар раванди таълими математика" дар кафедраи методикаи таҳсилоти ибтидоии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D010200 - Педагогика ва методикаи таълими ибтидоӣ иҷро шудааст.

Даври аввали муҳокима ва экспертизаи диссертатсия дар ҷаласаи кафедраи методикаи таҳсилоти ибтидоии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ суратҷаласаи №1, аз 26. 08. 2022 гузаронида шудааст.

**Мутобиқи ихтисос ва номи мавзуъ ба шиносномаи ихтисос ва муҳтавои диссертатсия.** Диссертатсия бо шиносномаи ихтисос ва муҳтавои он ба тартиби муқарраршудаи таълифи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D010200 - Педагогика ва методикаи таълими ибтидоӣ мутобиқат менамояд.

**Алоқамандии мавзуи диссертатсия ба самтҳои афзалиятноки рушди илм, техника ва технология дар ҷумҳурӣ.** Дар диссертатсия унвонҷӯ корҳои таҳқиқотиро оид ба асосҳои педагогии низоми раванди ташаккули хонандагон, ташаккул ва рушди раванди донишазхудкунии хонандагон дар раванди машғулиятҳои таълимӣ, манбаъҳо ва интишороти илмии марбут ба инкишофи шавқу рағбати маърифатии хонандагон дар давраи таҳсилоти мактабӣ, пойгоҳи манбаъҳо дар чаҳорчӯбаи таҳқиқоти масъалаҳои афзалиятнокии ташаккули маърифатии хонандагон дар муассисаҳои таълимӣ ва масоили коркарди равияҳои нави ташкили раванди таҳсилот ҳангоми донишҳои одитарини физикии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар раванди таълими математика озмоиш карда шуда ва таъсири мусбати он барои корҳои муҳаққиқон, магистрон, донишҷӯён ва дигар шаҳрвандон мусоидат менамояд.

**Мутобиқати теъдод ва мазмуни интишороти натиҷаҳои илмӣ ба муҳтавои диссертатсия ва автореферати он.** Диссертатсия дар сатҳи баланди илмӣ-таҳқиқотӣ таълиф шуда, ба талаботи кори диссертатсионӣ комилан мувофиқ аст. Автореферат ва 17 мақолаи чопшудаи диссертант муҳтавои асосии диссертатсияро инъикос менамоянд. Аз шумори мақолаҳои чопшудаи диссертант 4-тои он дар маҷалла - нашрияҳои тақризшавандаи тавсияшудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КОА-и Федератсияи Россия нашр шуданд.

**Мавҷудияти санадҳои тасдиқкунандаи татбиқи натиҷаҳои илмӣ дар истеҳсолот ё имконияти татбиқ намудани онҳо.** Муҳтавои диссертатсия дар раванди дарсҳои математикаи синфҳои ибтидоии муассисаҳои таълимӣ, дар конференсияи илмӣ-методӣ ва илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ ва дар конференсияҳои ҳарсолаи илмӣ-амалии ҳайати омӯзгорону профессорони Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

**Саҳми довталаб дар иҷрои таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Мавзуи мазкур бори аввал дар методикаи таълими математикаи синфҳои

ибтидоӣ, мавриди таҳқиқу баррасии илмӣ қарор гирифта, банақшагирӣ, интихоб ва асоснок намудани мавзуъ, таҳияи сохтори диссертатсия, муайян кардани ҳадаф, вазифаҳо, объект ва предмети таҳқиқот, ҷустуҷӯй ва дарёфти адабиёти зарурӣ оид ба мавзуи таҳқиқот, ҷамъоварӣ ва муназзам намудани маълумоти озмоишӣ ва коркарди онҳо, таҳлили натиҷаҳои коркарди маълумоти озмоишӣ, омода ва интишор кардани мақолаҳои илмӣ, иштирок дар ҳамоишҳои илмӣ, ҷамъбасти натиҷаҳои таҳқиқот ва навиштани диссертатсия инъикос меёбад.

**Пешниҳоди диссертатсия ба Шурои диссертатсионӣ.** Бобҳои диссертатсия мутобиқи мақсаду вазифаҳои гузошташуда тарҳрезӣ карда шуда, баррасию таҳқиқ дар сатҳи баланди илмӣ қарор дорад. Хулосаҳои унвонҷӯ илмӣ буда, ба талабот оид ба барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ мебошад.

Диссертатсияи Раҳимов Ҷамшед Ҳуҷамуродович дар мавзуи “Ташаккули донишҳои одитарини физикии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар раванди таълими математика” ба талабот ҷавобгӯ буда, барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D010200 - Педагогика ва методикаи таълими ибтидоӣ барои дифоъ тавсия карда мешавад.

Хулоса дар ҷаласаи Шурои олимони факултети педагогикаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ аз 30. 11. 2022, № 4 қабул шудааст.

Иштирок доштанд: 17 нафар:
Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» - 17 нафар, «зид» - нест, «бетараф» - нест.
Протоколи № 4 аз 30. 12. 2022

**Раисикунанда:** раиси Шурои олимони факултети
педагогикаи ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ,
номзади илмҳои педагогикӣ: Ф. Давлатзода.

**Мукарризони холис:**
Доктори илмхои педагогӣ, профессори
кафедраи алгебра ва геометрияи
ДДБ ба номи Носири Хусрав: Сатторов А.Э.

Номзади илмхои педагогӣ, дотсенти
кафедраи психологияи факултети фалсафаи
Донишгохи миллии Точикистон: Алиев М.Т.

**Котиби чаласа:** котиби Шурои олимони
факултети педагогика, муаллими калон: Тағоев С.С.

Имзохои Ф. Давлатзода., Сатторов А.Э.,
Алиев М.Т., Тағоев С.С.-ро тасдик мекунам:
Сардори раёсати кадрхо ва корхои
махсуси ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ Мустафозода А.

**Нишонӣ:** 734003, Ҷумҳурии Точикистон
ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ 121.
Тел.: +992 (37) 224 13 83
E-mail:tgpu@mail.rj
www.tgpu.tj